УДК: 338
ББК:65.301

# РАВАНДИ САНОАТИКУНОНӢ ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД ВА АҲАМИЯТИ ОН ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ

***Солиев Ҳомидҷон Абдуманнонович*** *- муаллими калони кафедраи маркетинг-агробизнеси ДДҲБСТ, (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд), e-mail: anisjon_2014@mail.ru*

# ПРОЦЕСС ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ В СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ И ЕГО ЗНАЧЕНИЕ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

***Салиев Хомидджон Абдуманнонович*** *- старший преподаватель кафедры маркетинг-агробизнес, ТГУПБП, (Республика Таджикистан, г. Худжанд), e-mail: anisjon_2014@mail.ru*

# THE PROCESS OF INDUSTRIALIZATION IN THE SUGHD REGION AND ITS SIGNIFICANCE IN ENSURING FOOD SECURITY

***Soliev Homidjon Abdumannonovich*** *- Senior Lecturer departments agribusiness marketing TSULBP (Tajikistan Republic, Khujand), e-mail: anisjon_2014@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *комплекси агросаноатӣ, саноатикунонии босуръат, амнияти озуқаворӣ, индустриалӣ - аграрӣ, рақобатпазирӣ, соҳибкорӣ, коркарди маҳсулот*

*Дар мақола раванди истеҳсолоти корхонаҳои саноатии вилояти Суғд, мавқеи шаҳру ноҳияҳо дар истеҳсолоти маҳсулот саноатӣ, фаъолияти корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти саноати хӯрокворӣ ва саҳми онҳо дар таъмини амнияти озуқаворӣ, нишондиҳандаҳои истеҳсолии маҳсулоти хӯрокворӣ ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои саноатӣ, таҳлили онҳо, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои саноатии коркард ба хусус маҳсулоти хӯрокворӣ ва саҳми онҳо дар саноатикунонии босуръат ва истеҳсоли намудҳои гуногуни маҳсулоти ватанӣ, дар ин замина кам кардани маҳсулоти воридотӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.*

*Раванди афзоиш додани содирот ва пайдо кардани мавқеи сазовор дар бозори ҷаҳонии молу хизматрасонӣ таҳлил гардидааст. Инчунин, ворид намудан ва истифодаи васеи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар раванди истеҳсолоти корхонаҳои саноатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, баланд бардоштани сатҳи касбияти мутахассисон, соҳибкорон ва қобилияти идоракунии кадрҳо, ҷорӣ намудани усулҳои муосири менеҷменти сифат ва омодасозии кадрҳои баландихтисос омилҳои асосии ноил шудан ба ин ҳадафҳо ба ҳисоб меравад.*

***Ключевые слова:*** *агропромышленный комплекс, ускоренная индустриализация, продовольственная безопасность, промышленно-аграрная, конкурентоспособность, предпринимательство, переработка продукции*

*В данной статье производственный процесс промышленных предприятий Согдийской области, положение городов и районов в производстве промышленной продукции, деятельность производственных предприятий пищевой промышленности и их вклад в обеспечение продовольственной безопасности, показатели производства продуктов питания и объемы производство на промышленных предприятиях, их анализ, объем производства на промышленных предприятиях, перерабатывающих пищевые продукты в частности и их вклад в ускоренную индустриализацию и производство различных видов отечественной продукции, в связи с этим изучено сокращение импортной продукции.*

*Анализируется процесс увеличения экспорта и нахождения достойного положения на мировом рынке товаров и услуг. А также внедрение и широкое использование современных инновационных технологий в производственном процессе промышленных предприятий Согдийской области и ее городов и районов, повышение уровня профессионализма специалистов, предпринимателей и умения управлять персоналом, внедрение современных методов управления качеством и подготовка*

*высококвалифицированных кадров являются основными факторами достижения поставленной цели.*

***Keywords:*** *agro-industrial complex, rapid industrialization, food security, industrial-agrarian, competitiveness, entrepreneurship, product processing*

*In this article, the production process of industrial enterprises of Sughd region, the position of cities and districts in the production of industrial products, the activity of food industry production enterprises and their contribution to ensuring food safety, indicators of food production and the volume of production in industrial enterprises, their analysis, the volume of production in industrial enterprises processing food products in particular and their contribution to rapid industrialization and production of various types of domestic products, in this context the reduction of imported products has been studied.*

*The process of increasing exports and finding a worthy position in the world market of goods and services is analyzed. Also, the introduction and widespread use of modern innovative technologies in the production process of industrial enterprises of Sughd region and its cities and districts, increasing the level of professionalism of specialists, entrepreneurs and the ability to manage personnel, introducing modern methods of quality management and training highly qualified personnel are the main factors for achieving this goal. goals are considered.*

Вилояти Суғд дар миқёси кишвар яке аз минтақаҳои фаъоли саноатӣ ба ҳисоб рафта, ҳиссаи корхонаҳои саноатии он дар таъмини амнияти озуқаворӣ хеле назаррас мебошад. Бо афзун гардидани шумораи корхонаҳои саноатӣ, истеҳсоли маҳсулоти баландсифати воридотивазкунанда саҳми худро дар амалишавии ҳадафи саноатикунонии босуръат гузошта истодааст. Хусусан дар миқёси вилоят бештар соҳаи саноати коркард рушд ёфтааст, ки яке аз соҳаҳои афзалиятнок ва манбаи асосии таъминкунандаи аҳолӣ бо маводи хӯрока мебошад. Дар навбати худ заминагузори таъмини ҳадафи стратегии кишвар, амнияти озуқаворӣ мебошад. Яке аз ҳадафҳои асосии соҳаи саноат ин коркарди саривақтии ашёи хоми ватанӣ буда, ашёи хом бошад баҳри таъмини корхонаҳои саноатӣ ҳамчун мусоидаткунандаи раванди бетанаффузи такрористеҳсолкунӣ хизмат мекунад. Корхонаҳои саноатӣ дар вилоят бо истифода аз имкониятҳои ҷойдошта ва захираҳои ашёи хоми ватанӣ фаъолияти истеҳсолии худ аз ҷумла коркарди саривақтии маҳсулоти соҳаи кишоварзиро ба роҳ мондаанд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саноатикунонии босуръатро ҳадафи чоруми стратегӣ эълон намуданд ва ҳоло давлату Ҳукумат ва мардуми шарифи кишвар баҳри татбиқи ин ҳадаф камари ҳиммат бастаанд. Саноатикунонӣ имконият медиҳад, ки ашёи хоми ватанӣ саривақт ва беталаф коркард шавад, аҳолии мамлакат бо ҷойи корӣ таъмин шавад, бозори дохилӣ бо маҳсулоти ватании арзону босифат ғанӣ гардад ва воридоти молу маҳсулот аз хориҷи кишвар коҳиш ёбад. Хушбахтона ин раванд марҳила ба марҳила амалӣ гашта истодааст.** [1, с.4]

Бояд қайд намуд, ки ташаккули сармоя дар корхонаҳои саноатии минтақа, воқеан хоҳиши дар низоми иқтисодии минтақавӣ татбиқ намудани воситаҳои механизми маблағҳои молиявӣ мебошад, ки самаранокии худро дар дигар минтақаҳои кишвар собит намуда, модели инноватсионии сиёсати саноатиро амалӣ менамояд. Ин раванд имконият медиҳад, ки дар инфрасохтори истеҳсолии соҳаи саноати мукаммалӣ ворид гардида, барои таъмини раванди бомароми истеҳсолот мусоидат мекунад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар маҷмӯъ, солҳои охир дар вилояти Суғд афзоиши доимии истеҳсоли бахши саноат ба назар расида, соҳаҳои асосии аҳамияти ҷумҳуриявидошта барои истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, нерӯи барқ, маҳсулоти кимиёвӣ, масолеҳи сохтмонӣ ва таҷҳизот равона карда шудаанд. Ҳамзамон, дар вилоят таҷҳизот барои саноати сабук, мебелсозӣ, коркарди сангҳои оришию қимматбаҳо, истихроҷи маъданҳо, нафту газ ва ғайра ба таври зарурӣ ба роҳ монда шудааст. Ҳолати

истеҳсолоти молҳои саноатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғдро дар ҷадвали 1 таҳлил менамоем. [8, с. 256]

Ҷадвали 1.

Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят бо нархҳои муқоисавии солҳои 2010-2021

| Шаҳру ноҳияҳои вилоят | Солҳо | | | | | | | | Афзоиш нисбат ба соли 2010 (баробар) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | | 2018 | | 2020 | | 2021 | | |
| | млн сомонӣ | % | млн сомонӣ | % | млн сомонӣ | % | млн сомонӣ | % | |
| н. Айнӣ | 117,8 | 4,04 | 1356,5 | 9,38 | 1789,1 | 11,82 | 2681,8 | 12,80 | 22,8 |
| н. Ашт | 63,7 | 2,2 | 222,0 | 1,53 | 253,5 | 1,68 | 253,8 | 1,21 | 4,0 |
| н. Б.Ғафуров | 141,6 | 4,9 | 1177,2 | 8,14 | 264,8 | 1,75 | 3424,3 | 16,35 | 24,2 |
| ш. Бӯстон | 14,0 | 0,5 | 249,3 | 1,72 | 516,2 | 3,41 | 573,5 | 2,74 | 41,0 |
| ш. Гулистон | 784,9 | 26,9 | 4617,9 | 31,93 | 3157,6 | 20,87 | 4606,9 | 21,99 | 5,9 |
| н. Деваштич | 8,6 | 0,3 | 59,2 | 0,41 | 71,7 | 0,47 | 72,3 | 0,35 | 8,4 |
| н. Зафаробод | 75,5 | 2,6 | 206,4 | 1,43 | 225,2 | 1,49 | 301,0 | 1,44 | 4,0 |
| ш. Истаравшан | 134,9 | 4,6 | 429,3 | 2,97 | 555,7 | 3,67 | 577,9 | 2,76 | 4,3 |
| ш. Истиқлол | 3,9 | 0,1 | 27,4 | 0,19 | 40,8 | 0,27 | 42,0 | 0,20 | 10,8 |
| ш. Исфара | 130,2 | 4,5 | 369,0 | 2,55 | 373,7 | 2,47 | 379,7 | 1,81 | 2,9 |
| ш. Конибодом | 94,3 | 3,2 | 270,3 | 1,87 | 320,9 | 2,12 | 320,9 | 1,53 | 3,4 |
| н. К. Мастчоҳ | 0,3 | 0,01 | 2,4 | 0,02 | 3,8 | 0,03 | 8,3 | 0,04 | 27,7 |
| н. Мастчоҳ | 79,4 | 2,7 | 194,7 | 1,35 | 223,8 | 1,48 | 297,7 | 1,42 | 3,7 |
| ш. Панҷакент | 885,4 | 30,4 | 3532,5 | 24,42 | 4836,8 | 31,97 | 4890,0 | 23,35 | 5,5 |
| н. Спитамен | 66,6 | 2,3 | 397,7 | 2,75 | 655,3 | 4,33 | 659,3 | 3,15 | 9,9 |
| ш. Хуҷанд | 231,8 | 8,0 | 1129,3 | 7,81 | 1502,6 | 9,93 | 1510,1 | 7,21 | 6,5 |
| н. Ҷ. Расулов | 77,6 | 2,7 | 189,1 | 1,31 | 302,3 | 2,00 | 309,4 | 1,48 | 4,0 |
| н. Шаҳристон | 3,5 | 0,1 | 34,1 | 0,24 | 37,1 | 0,25 | 37,5 | 0,18 | 10,7 |
| Ҳамагӣ: | 2914 | 100 | 14464,3 | 100 | 15130,9 | 100 | 20946,4 | 100 | 7,2 |

*Сарчашма: Омори солонаи вилояти Суғд. – Хуҷанд: Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2022. – С. 268-269.*

Аз маълумоти ҷадвал бармеояд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд сол аз сол афзун гардида, дар умум бо нишондоди афзоиши 12,3% барои рушди соҳаи саноати минтақа ва расидан ба ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар саҳми худро мегузоранд. Дар самти истеҳсолоти маҳсулотҳои саноатӣ шаҳрҳои Гулистон, Панҷакент, Хуҷанд ва ноҳияҳои Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров пешсаф буда, сабаб мавҷудияти корхонаҳои саноатии меросӣ аз давраи гузашта вобаста мебошад. Дар ин самт мавқеи қафомониро ноҳияҳои Деваштич, Шаҳристон ва Кӯҳистони Мастчоҳ ишғол мекунанд, ки новобаста аз имкониятҳои бузург сабаби қафомонӣ нокифоягии захираҳои молиявӣ, таваҷҷӯҳи сусти ниҳодҳои сармоягузорӣ, набудани фаъолияти маркетингӣ бахри ҷалби сармоягузорон ва ғайраҳо мебошад.

Албатта натиҷаҳои истеҳсолоти саноатӣ дар самти истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ низ назаррас буда, ҷиҳати таъмини аҳолии кишвар бо маводи озуқа мусоидати бештар менамоянд. Тибқи маълумотҳои оморӣ аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 10 млн нафарро ташкил дода боис мегардад, ки он иқтидорҳои

истеҳсолие, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуданд, барои таъмини аҳолӣ бо маводи ниёзи аввал қувваи худро дучанд кунанд. [11, с.36]

Хусусан дар самти рушди саноати коркард, ки имрӯз ашёи хоми саноатӣ дар кишвар хеле фаровон асту барои коркард ниёз доранд, аҳамияти авввалиндараҷа бояд дод. Хушбахтона ин соҳа дар вилояти Суғд солҳои охир рӯ ба беҳбудӣ ниҳодаст ва нишондиҳандаҳо сол аз сол зиёд гардида, раванди истеҳсолоти ватанӣ бо маром ҷараён дорад. Инро дар мисоли истеҳсолоти намудҳои гуногуни маҳсулотҳои истеъмолии ватанӣ дар ҷадвали зер (2) мебинем. [8, с.257]

Ҷадвали 2

Ҳаҷми коркард ва истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Суғд дар соли 2021 ва афзоиши он нисбат ба соли 2020

| № р/т | Номгӯи мавод | Декабри с.2021 | ба ҳисоби фоиз нисбат ба | | январ - декабри с.2021 | январ – декабри с.2021 ба ҳисоби фоиз нисбат ба январ - декабри с.2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | декабри с.2020 | ноябри с.2021 | | |
| 1. | орд, тонна | 56985,1 | 9,4 бар | 87,8 | 693932,9 | 101,8 |
| 2. | гӯшт, тонна | 6099,2 | 1,7 бар | 118,4 | 56818,0 | 114,3 |
| 3. | маҳсулоти ҳасиб, тонна | 448,2 | 129,2 | 107,1 | 4626,1 | 101,5 |
| 4. | маҳсулоти шири холис, тонна | 1131,5 | 98,3 | 107,3 | 14651,4 | 107,3 |
| 5. | консерваҳо, ҳаз. қуттии шартӣ | 675,9 | 2,2 бар | 114,4 | 23629,7 | 102,9 |
| 6. | маҳсулоти қаннодӣ, тонна | 2078,1 | 1,7 бар | 101,3 | 14005,1 | 120,7 |
| 7. | равғани растанӣ, тонна | 3655,3 | 1,9 бар | 127,6 | 16092,6 | 106,3 |
| 8. | арақ ва маҳсулоти ликёру арақ, декалитр | 5410,2 | 95,0 | 107,5 | 51349,4 | 100,1 |
| 9. | оби ҷав, декалитр | 785,0 | 17,8 | 57,9 | 94234,7 | 101,3 |
| 10. | нушокиҳои беспиртӣ, декалитр | 1328212,6 | 5,6 бар | 106,8 | 11182017,7 | 138,6 |
| 11. | обҳои минералӣ, декалитр | 61271,4 | 2,9 бар | 131,6 | 1532242,7 | 101,6 |

*Манбаъ: Маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, январ-декабри с.2021.саҳ:16.*

Бинобар маълумоти ҷадвали мазкур, дар моҳҳои январ - декабри соли 2021 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ 12,9 фоиз зиёд шуд, ки он асосан аз ҳисоби истеҳсоли орд – 1,8 фоиз, гӯшт – 14,3 фоиз, маҳсулоти шири холис – 7,3 фоиз, консерва – 2,9 фоиз, маҳсулоти қаннодӣ – 20,7 фоиз, равғани растанӣ – 6,3 фоиз, нушокиҳои беспиртӣ – 38,6 фоиз ба вуҷуд омада, ҳаҷми истеҳсоли намудҳои маҳсулот дар соли 2021 нисбат ба соли 2020 афзудааст. Вале ин суръати афзоиш ҳанӯз ҳам моро қонеъ кунонида наметавонад. Зеро номгӯи маҳсулоте, ки дар ҷадвал оварда шудааст, маводи ниёзи аввали мардум буда, ин раванд барои расидан ба таъмини амнияти озуқаворӣ кифоягӣ немекунад.

Дар соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар, хусусан саноати ҷумҳурӣ барномаҳои зиёди рушд амалӣ гардида истодаанд, ки ҳадафи асосии онҳо навсозии корхонаҳои мавҷуда ва бунёди корхонаҳои нав, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар истеҳсолоти саноатӣ, роҳандозии коркард ва истеҳсоли маҳсулоти нав, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, тақвияти истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири воридотивазкунанда ва зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли махсулоти содиротӣ буда, барои гузариши иқтисодиёти кишвар аз

иқтисоди аграрӣ - саноатӣ ба саноатӣ - аграрӣ ва рашди иқтисоди миллӣ замина мегузоранд. [10, с.8]

Боиси қайд аст, ки захираю имкониятҳои истеҳсолии вилояти Суғд барои рушди истеҳсоли молу маҳсулоти баландсифати саноатӣ, афзоиш додани содирот ва пайдо кардани мавқеи сазовор дар бозори ҷаҳонии молу хизматрасонӣ зиёд мебошанд. Аз ин рӯ, ворид намудан ва истифодаи васеи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар раванди истеҳсолоти корхонаҳои саноатӣ, баланд бардоштани сатҳи касбияти мутахассисон, соҳибкорон ва қобилияти идоракунии кадрҳо, ҷорӣ намудани усулҳои муосири менеҷменти сифат ва омодасозии кадрҳои баландихтисос омилҳои асосии ноил шудан ба ин ҳадафҳо ба ҳисоб мераванд. Аз ҷониби Пешвои миллат эълон гардидани мораторийи (соли 2018) дусола ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ барои рушди соҳаи саноат хусусан саноати коркард ва таъсири бевоситаи он ба бахшҳои дигари иқтисодиёти кишвар заминаи мусоид мегузорад. Ислоҳоти иқтисодӣ доир ба беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ имкон дод, ки давоми даҳ соли охир нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар дар сатҳи устувор нигоҳ дошта, рушди воқеии иқтисодиёт ба ҳисоби миёна ҳафт дарсад таъмин карда шуда, хушбахтона дар миқёси ҷаҳонӣ нишондиҳандаи назаррас мебошад.

Аз хориҷи кишвар сол то сол кам гаштани воридоти маҳсулоти ниёзи мардум боис мегардад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи коркард рушд ёфта, бозори дохила бо молҳои истеҳсоли худӣ таъмин гардад. Ин ҳоло ҳам басанда нест, зеро кишвари мо дорои иқтидорҳои бойи тавлиди ашёи хом ва қувваи корӣ мебошад. Бо рушди саноати коркард имрӯзҳо бисёри кишварҳо аз як навъи маҳсулот чанд маводи дигар тавлид менамоянд. Махсусан аз меваю сабзавот ва зироатҳо, ки дар ватани мо фаровонанд, номгӯйи зиёди маҳсулоти истеъмолӣ истеҳсол мегардад.

Дар баробари дастовардҳои назарраси соҳа, муаммоҳо низ дар ин самт ҷой доранд, ки барои рушди соҳа монеа эъҷод мекунанд. Яке аз муаммоҳои соҳа ин ҳамкории сусти хоҷагиҳои деҳқонӣ бо соҳибкорон омили кам истифода гардидани маҳсулоти кишоварзии мамлакат дар истеҳсолот медонем. Зеро дар афзоиши молу маҳсулоти худӣ робитаи онҳо нақши муҳим дорад. Кишоварз ба харидори воқеӣ умед мебандаду корхонаи истеҳсолӣ ба мавҷуд будани манбаи ашёи хом. Дар натиҷа, маҳсулоти кишоварзӣ самаранок коркард шуда, тавлидоти ватанӣ устувор мегардад. Ҳамчунин, кишоварзону соҳибкорони истеҳсолиро ба воситаи ҳамоишҳо ва вохӯриҳои судманд бояд ба ҳам муаррифӣ намуд, то ба истеҳсоли маҳсулоти гуногуни ватанӣ ҳавасманд гарданд. [10, с.16]

Барои расидан ба ҳадафи саноатикунонии босуръати мамлакат бояд ба рушди соҳаи саноати коркард таваҷҷӯҳи бештар диҳем ва ба чунин омилҳо аҳамияти ҳаматарафа зоҳир намоем:

1. Истеҳсолкунандагони ашёи хоми саноатӣ яъне хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ёрирасонро ҳавасманд гардонем, ба онҳо шароит фароҳам оварем то маҳсулоти тайёрнамудаи худро бо нархҳои дастрас ва саривақту беталаф ба фурӯш бароранд. Яъне корхонаҳои саноатӣ аз онҳо ашёи хомро то қадри имкон бо нархи гарон харидорӣ намоянд;

2. Ба соҳаи пахтакорӣ, ки яке аз соҳаҳои муҳими стратегии кишвар ба ҳисоб меравад, бештар афзалият дода шавад, ба монанди: а) ҷорӣ намудани технологияи нави парвариши пахта ва ба деҳқонон дастрас намудани он; б) дар соҳаи пахтакорӣ ҷорӣ намудани андози ягона; в) ҷорӣ намудани равзанаи ягонаи фурӯши пахта хусусан пахтаи хом ва танзим намудани нархи он дар корхонаҳои саноатӣ дар ноҳияҳои пахтакори мамлакат.

3. Корхонаҳои саноатӣ бо таъминкунандагони ашёи хом робитаи зич дошта бошанд. Зеро таъминкунандагони ашёи хом ё худ деҳқонон оид ба намудҳои истеҳсоли

маҳсулот, ки аз ашёи хоми онҳо ба даст меояд, аз наздик шиносоӣ пайдо намуда, дар оянда ба парвариши навъҳои серҳосили пахта таваҷҷӯҳ менамоянд.

Хулоса аз мақолаи мазкур, муайян намудем, ки самтҳои коркарди маҳсулоти саноатӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Суғд гуногунсоҳа ва афзалиятнок мебошад. Инчунин таҳлилҳо оид банақши саноати коркард дар рушди иқтисодиёти мамлакат ва расидан ба ҳадафи чорум, саноатикунонии босуръати кишвар нишон дода шудааст. Дарояндаи бо истифода аз иқтидорҳои истеҳсолии корхонаҳои саноатии мамлакат ва рушди инфрасохтори комплекси агросаноатӣ, ҳаҷми истеҳсолоти ватанӣ зиёд, ҳадафи стратегии кишвар таъмин мегардад ва Тоҷикистон аз кишвари воридкунандаи маҳсулоти хӯрокворӣ ба содироткунандаи он табдил хоҳад ёфт.

## ПАЙНАВИШТ


1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 26.12.2018 ш.Душанбе. www.president.tj.
2. Алиджанов Ҷ.А. Саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ – асоси таъмини воридотивазкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ “Робитаҳои мамлакатҳои Осиёи Марказӣ: ҳолат ва дурнамо”. ДДҲБСТ., 30-31.05.2019, С.80
3. Ашуров И.С. Продовольственное обеспечение Республики Таджикистан. // Вестник Таджикского национального университета, Душанбе - 2010. -№ 3 (47). – С. 36-41.
4. Исмаилова М. К вопросу преобразования отношений собственности и становление обьектов рыночного хозяства. // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – 2007.- №2. – С.34-35.
5. Мадаминов А.А. Проблемы устойчивого развития аграрного сектора Таджикистана. – Душанбе, 2006. – С.300.
6. Мирсаидов А.Б. Соҳибистиқлолӣ ва рушди иқтисоди миллӣ-Хуҷанд, 2008, - С.252.
7. Маълумоти омории Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд солҳои 2020-2021.С. 252-256.
8. Назаров А.А. Региональные особенности формирования и развития предпринимательства // Вестник ТГУПБП, Худжанд, 2012.-№1.-С.56-61.
9. Солиев Ҳ.А. Рушди саноати коркарди вилояти Суғд ва саҳми он дар саноатикунонии мамлакат [Матн] / Ҳ.А. Солиев // Маҷаллаи илмӣ-пажӯҳишии “Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон”. – Душанбе, 2020. – №3 (260). – С.152-156.
10. Солиев Ҳ.А. Мавқеи саноати хӯроквории вилояти Суғд дар амалишавии ҳадафи саноатикунонии босуръат [Матн] / Ҳ.А. Солиев // Ахбори ДМТ. – Душанбе, 2020. – № 9 (90). – С. 123-128.


## REFERENCES


1. State-of-the-Union by the President of the Republic of Tajikistan to the Parliament of the Republic of Tajikistan, 26.12.2018 12:21, Dushanbe city, www.president.tj.
2. Alijanov Zh.A. Industrialization of the national economy - the basis for ensuring import substitution in the Republic of Tajikistan // Proceedings of the international scientific and theoretical conference "Relations of the countries of Central Asia: state and prospects." TSULBP., 30-31.05.2019, p. 80.
3. Ashurov I.S. Food supply of the Republic of Tajikistan. // Bulletin of the Tajik National University, Dushanbe - 2010. -№ 3 (47). – pp. 36-41.
4. Ismailova M. To the question of the transformation of property relations and the formation of objects of the market economy. // Economy of Tajikistan: development strategy. – 2007.- №2. – p.34-35.
5. Madaminov A.A. Problems of sustainable development of the agrarian sector of Tajikistan. – Dushanbe, 2006. – p.300.
6. Mirsaidov A.B. independence and development of the national economy, Khujand, 2008, - p.252.
7. Statistical information of the Main Department of the Agency on Statistics under the President of the Republic of Tajikistan for the Sughd region for 2020-2021, pp.252 -256.
8. Nazarov A.A. Regional features of the formation and development of entrepreneurship // Bulletin of TSULBP, Khujand, 2012.-№1.-pp.56-61.

9. Soliev Kh.A. The development of the processing industry in the Sughd region and its contribution to the industrialization of the country [Text] / Kh.A. Soliev // Research journal "National Academy of Sciences of Tajikistan". - Dushanbe, 2020. – №3 (260). – pp.152-156.
10. Soliev Kh.A. The position of the food industry of the Sughd region in the implementation of the goal of accelerated industrialization [Text] / Kh.A. Soliev // News of TNU. - Dushanbe, 2020. – № 9 (90). – pp. 123-128.